# СУРАТҶАЛАСА

18 октябри соли 2024 № 1 ш. Душанбе

Соати баргузорӣ: $9^{00}$

**Раисикунанда –** директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Саидзода И.Ҳ.

**Иштирок намуданд:** муқарризон ва кормандони Марказ - 19 нафар
н.и.ҳ, дотсент Саидзода И.Ҳ., Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Бобокалонов Ғ.М., Одиназода Ш.Х., Шеров Ш.З. ва дигарон

## РӮЗНОМА

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузорӣ Алиев Исмоил Исмонович

**Раисикунанда:** доир ба рӯзномаи ҷаласа таклифу пешниҳод ҳаст?
**Иштирокчиён:** таклифу пешниҳод нест.

**Қарор карда шуд:**

Рӯзномаи ҷаласа тасдиқ карда шавад.

**Раисикунанда:** Доир ба рӯзномаи ҷаласа қайд намуд, ки Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи "Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишти рисолаи номазадиро ба иҷро расонидааст.

Унвонҷӯ соли 2019 бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ, факултети таърих ва педагогикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва соли 2021 магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистонро хатм намудааст, айни замон муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва ҳамзамон унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо қарори шурои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2022 тасдиқ шудааст.

Ҳамзамон, ёдовар мешавем, ки Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи "Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” 23 апрели соли 2024 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя намуда буд. Вале бо сабаби кам будани нишондоди антиплагиат диссертатсияи мазкур аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардидааст.

Унвонҷӯ рисолаи илмиро такмил дода, иловатан маълумотномаи антиплагиати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо нишондоди 80,32 % гирифтааст, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ин ҳолатҳо асос мегардад, ки диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи “Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро такроран баррасӣ намоем.

**Роҳбари илмӣ:** Азиззода Убайдулло Абдулло - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 3 воситаи таълимӣ, 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ барои баромад то 10 дақиқа дода мешавад.

**Унвонҷӯ**: Алиев Исмоил Исмонович - баромад намуда, доир ба мубрамияти мавзуи интихобкарда мухтасар гузориш манзур намуд.

**Раисикунанда:** муҳтарам муқарризон ва кормандони Марказ ба унвонҷӯ саволҳо бошад, пешниҳод намоед.

**Муқарризон:**

- Саидзода И.Ҳ. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвонҷӯ савол дод;

- Шарофзода Р.Ш. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба унвонҷӯ савол дод;

- Куканов А.З. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба унвонҷӯ савол дод;

- Бобокалонов Ғ.М. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвонҷӯ савол дод;

Унвонҷӯ ба ҳамаи саволҳои пешниҳод гардида ҷавоби мушаххас дод.

**Раисикунанда:** агар дигар саволҳо ба унвонҷӯ набошад, ба музокирот мегузарем.

Унвонҷӯ ҳама таклифу эродҳое, ки муқарризон баён доштанд ба Шумо фаҳмо аст. Агар фаҳмо бошад, ба Шумо бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои муқарризон ба ҳимоя тавсия карда шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи “Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Раисикунанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент — Саидзода И.Ҳ.

Котиб: — Шеров Ш.З.

Имзои Саидзода И.Ҳ. ва Шеров Ш.З.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Шукуров Г.М.

БАХШИ КАДРҲО

18.10.2024.